**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи ««Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Достонсароӣ дар адабиёти форсу тоҷик таърихи куҳан дошта, дар даврони классикӣ ва пас аз он ҳам ба ҳукми анъана даромада, ба ин васила хазинаи осори адабии форсу тоҷик ҳарчи бештар ғановат пайдо кардааст. Бахше аз ин достонҳо достонҳои ишқию романтикӣ буда, дар ин ришта шуарову суханварони гузашта қиссаҳои марғуберо ба риштаи назм кашида, аз ҳамдигар таъсир пазируфта, ба гузаштагону ҳамасронашон пайравӣ карда, дар баробари ин, дар суханварӣ ҳунару истеъдоди фитрӣ ва фардӣ нишон додаанд.

Достони «Юсуф ва Зулайхо» яке аз марғубтарин достонҳои ишқию романтикии адабиёти форсу тоҷик буда, ба таври муқоисавӣ ба доираи накду таҳқиқ фаро гирифтани достонҳои ҳамном аз мавзӯъ ва масъалаҳои муҳимми илмҳои филологӣ ва хусусан, адабиётшиносӣ мебошад. Дар иртибот ба ин бояд қайд кард, ки аз ҷониби унвонҷӯ Ҷавҳарова М.О. ба омӯзиш ва таҳқиқи муоисавӣ фаро гирифта шудани достонҳои ҳамном («Юсуф ва Зулайхо»)-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ховарии Шерозӣ ибтикори наҷиб ва муҳимму арзишманд аст.

Мубрамият ва зарурати таҳқиқи мавзӯи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки муҳтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и ин ду суханвар ба таври муқоиса бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ меёбад. Дар

баробари ин, унвонҷӯ ба масъалаҳои монандӣ ва фарқи достонҳо, таҳлили ғоявию образҳои марказӣ ва таҳлили вежагиҳои услубию бадеии асарҳои ҳамном диққати махсус зоҳир кардааст, ки ин усули санҷидашуда ва меъёри хуби адабиётшиносӣ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия унвонҷӯ дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ аз дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ёд карда, ба чунин хулоса расидааст, ки «то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳишҳои монографии муқоисавии достонҳои ҳамном хеле кам аст». Дар такя ба ин андешаҳо метавон қайд кард, ки таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи муқоисавии ду достони ҳамном, яъне достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ховарии Шерозӣ буда, аҳаммияти назарию амалӣ ва методологии махсус дошта, ба муҳаққиқони баъдӣ дар соҳаи омӯзишу пажӯҳиши асарҳои ҳамном ёрӣ расонида метавонад.

Дар боби аввал диссертатсияи Ҷавҳарова М., ки «Муҳтаво, сохтор ва сюжети достонҳои«Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ» унвон дорад, масъалаҳои манбаъ ва сарчашмаи масеҳиию исломии ин ду достони ҳамном ва муҳтавою сюжети онҳо таҳқиқ шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия «Таҳлили муқоисавии ғоя ва симоҳои маркизии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо«-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ” ном дошта, таҳлили ғоявии достонҳои ҳамном ва образҳои марказӣ ба таври муқоиса сурат гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вежагиҳои услубӣ ва бадеии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ« унвон дошта, дар ин боб муҳтавою устухонбандӣ ва чеҳраофаринию тасвирсозӣ, мавқеи хобу руъё ва мунозира дар достонҳои ҳамном хеле

муфассал ва амиқ таҳқиқ ёфтаанд. Ҳамчунин дар ин боб унвонҷӯ мавқеи номаро дар достонҳои ҳамном таъйин карда, забон ва сабки достонҳоро низ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Хулосаи автореферат фарогири натиҷагириҳои асосӣ ва меҳварии муаллиф аз омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ буда, чунин хулосабарориҳо дар заминаи фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар як монография ва 3 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар гирифта, таълифоти мазкур ба муҳтавои кор мувофиқат дорад.

Дар автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова М.О. дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудӣ ва норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки аксарияти онҳо хусусияти имлоиву техникӣ доранд. Бо вуҷуди ин, таъйин ва таъкиди чанд ғалати дигарро зарур донистем:

1. Унвонҷӯ дар таъйини мубрамият ва зарурати таҳқиқи мавзӯъ чунин андеша баён кардааст, ки «Масъалаи омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном хеле васеъ ва доманадор аст, ки ин анъана, яъне ба мавзӯву сюжети як асар ҷавоб гуфтан аз асри X шурӯъ шуда, то ибтидои асри XX идома ёфтааст». Ин ҷо матлаб чунин ифода ёфтааст, ки гӯё омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном аз асри X шурӯъ шуда бошад. Бояд ба назар гирифт, ки омӯзиши муқоисавӣ ва анъанаи достонсароӣ ду масъала ва ҷузъиёти ҷудогонаанд.

2. Дар тавзеҳи фасли сеюми боби аввали диссертатсия – «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ» қайд гардидааст, ки «Достони «Юсуфу Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ дар пайравӣ ба ягон шоире суруда нашуда, мустақил аст». Дар банди 4-уми хулосаи автореферат унвонҷӯ ба чунин натиҷагирӣ расидааст: «Мирзо Фазлуллоҳ Ховарии Шерозӣ дар асри

Х1Х достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро навиштааст, ки як навъ ҷавоб ба достони Ҷомӣ мебошад, чунки дар ду боби «Сабаби назми китоб…» Ховарӣ даъво кардааст, ки бо Ҷомӣ ҳампанҷа шавад. Достони Ховарӣ бо достони Ҷомӣ аз нигоҳи сюжет ва вазн ҳамгун аст, вале аз нигоҳи ҳаҷм ва устухонбандӣ фарқ дорад». Аз ин ду иқтибос бармеояд, ки андешаи дар боби аввал баёншуда қобили дастгирӣ набуда, як навъ инкори андешаи худи унвонҷӯ ва воқеияти таърихию бадеӣ мебошад.

3. Дар фаслҳои дуюм, сеюм ва чоруми боби дуюм ба ҷойи мафҳуми «симо» кор фармудани истилоҳи «образ» ба мақсад мувофиқ аст.

4. Дар автореферати диссертатсия овардани чанд сарчашмаи истифодашудаи адабӣ ва илмию назарӣ дар поварақ ва ё пас аз хулоса дар шакли рӯйхати адабиёт зарурат дорад.

Ғалатҳои номбурда хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба муҳтавои асосии кор, муҳокимаронию хулосабарориҳои ҷолиб ва дастоварди илмии унвонҷӯ осеби ҷиддӣ нарасонидаанд. Таҳлилу баррасии автореферати диссертатсия моро ба чунин хулоса овард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи ««Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Номзади илмҳои филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ